Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 ноябри соли 2024, № 616

# ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНӢ (РАСМИКУНОНӢ)-И ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ ВА ШАКЛИ ҲИСОБОТДИҲИИ ОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва шакли ҳисоботдиҳии он (минбаъд – Тартиб) қоидаҳои таҳия ва пешбурди маълумоти оморӣ, инчунин шакли ҳисоботдиҳии онро оид ба масъалаҳои самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд – **мақоми ваколатдор**), мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ муайян мекунад.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **субъектҳои ҳисоботдиҳанда** – субъектҳое, ки дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» пешбинӣ шудаанд;
- **ҷиноятҳои асосӣ** – ҷиноятҳои дар банди а) қисми 1 моддаи 57 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки пеш аз қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда содир гардида, дар натиҷаи онҳо даромадҳо ба даст оварда шудаанд.

3. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ барои муайян намудани самаранокии чораҳои андешидашаванда дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва натиҷагирии онҳо, пешбурди маълумоти омориро тибқи Тартиби мазкур ба роҳ мемонанд.

4. Мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ бо мақсади ба роҳ мондани пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва

пешниҳод намудани онҳо ба мақоми ваколатдор шахс (шахсон)-и масъулро таъин менамоянд.

5. Шахсони масъули мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ уҳдадоранд барои пешниҳоди саривақтии маълумоти оморӣ чораҳои дахлдор андешанд.

6. Мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ ба мақоми ваколатдор маълумоти омориро тибқи шакли ҳисоботдиҳии пешбининамудаи Тартиби мазкур дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд.

7. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки пешбурди маълумоти омориро ба роҳ мемонанд, маълумоти омории тибқи Тартиби мазкур ҷамъоваришавандаро ба муҳлати на кам аз 5 сол аз санаи таҳияи он нигоҳдорӣ менамоянд.

## 2. ШАКЛҲОИ ҲИСОБОТДИҲИИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ВА ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ ОНҲО

8. Пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом тибқи шаклҳои ҳисоботдиҳии зерин ба роҳ монда мешавад:

- шакли ҳисоботдиҳии №1 – маълумоти оморӣ оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили хабар дар бораи амалиёту аҳдҳои шубҳанок ва иттилооти дигар (замимаи 1);
- шакли ҳисоботдиҳии №2 – маълумоти оморӣ дар бораи пули накд, воситаҳои гардони манзурӣ ва маҳсулоти таъиноти дуҳадафа, ки тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва содир гардидаанд (замимаи 2);
- шакли ҳисоботдиҳии №3 – маълумоти оморӣ оид ба микдори субъектҳои ҳисоботдиҳанда, танзим ва назорати онҳо (замимаи 3);
- шакли ҳисоботдиҳии №4 – маълумоти оморӣ оид ба табодули иттилоот байни мақоми ваколатдор ва мақомоти дахлдори давлатӣ (замимаи 4);
- шакли ҳисоботдиҳии №5 – маълумоти оморӣ дар бораи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида, қатъшуда ва ба суд ирсолшуда оид ба ҷиноятҳои асосӣ ва ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (замимаи 5);
- шакли ҳисоботдиҳии №6 – маълумоти оморӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (замимаи 6).

## 3. ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ОИД БА ҶАМЪОВАРӢ, КОРКАРД ВА ТАҲЛИЛИ ХАБАР ДАР БОРАИ АМАЛИЁТУ АҲДҲОИ ШУБҲАНОК ВА ИТТИЛООТИ ДИГАР

9. Шакли ҳисоботдиҳии №1 (маълумоти оморӣ оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили хабар дар бораи амалиёту аҳдҳои шубҳанок ва иттилооти дигар) натиҷаи фаъолияти мақоми ваколатдорро инъикос намуда, маълумоти оморӣ оид ба хабарҳо дар бораи амалиёту аҳдҳои шубҳанок, иттилоот дар бораи амалиёти ҳатман назоратшаванда, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда пешниҳод мегарданд, инчунин оид ба амалиёту аҳдҳо ва молу мулк (воситаҳо)-и боздоштшуда, ғайрифаъолгардонидашуда ва фаъолгардонидашударо дар бар мегирад.

10. Шакли ҳисоботдиҳии №1 аз тарафи мақоми ваколатдор тибқи замимаи 1 Тартиби мазкур бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъд аз давраи ҳисоботӣ тартиб дода мешавад.

## 4. ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ДАР БОРАИ ПУЛИ НАҚД, ВОСИТАҲОИ ГАРДОНИ МАНЗУРӢ ВА МАҲСУЛОТИ ТАЪИНОТИ ДУҲАДАФА, КИ ТАВАССУТИ САРҲАДИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД ВА СОДИР ГАРДИДААНД

11. Шакли ҳисоботдиҳии №2 (маълумоти оморӣ дар бораи пули нақд, воситаҳои гардони манзурӣ ва маҳсулоти таъиноти дуҳадафа, ки тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва содир гардидаанд) аз ҷониби мақомоти гумрук тартиб дода шуда, маълумоти омории зеринро дар бар мегирад:

- иттилоот дар бораи пули нақд ва воситаҳои гардони манзурии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда, ки нисбати онҳо эъломиякунонии хаттии ҳатмӣ пешбинӣ шудааст;
- иттилоот дар бораи пули нақд ва воситаҳои гардони манзурии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда ҳангоми шубҳа доштан ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
- иттилоот дар бораи ҳолатҳои ошкоршудаи эъломия накардан ё нодуруст эъломия намудани пули нақд ва воситаҳои гардони манзурии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда;
- иттилоот дар бораи ҳолатҳои ғайриқонунӣ ворид ва содир гардидани маҳсулоти таъиноти дуҳадафа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12. Ҳангоми аз ҷониби мақомоти гумрук ошкор шудани ҳолатҳои дар сархатҳои дуюм, сеюм ва чоруми банди 11 Тартиби мазкур пешбинишуда маълумоти мушаххаскунандаи шахсияти шахс (шахсон)-и ворид ё содиркунанда ва иттилооти дигари зарурӣ (санаи ошкоркунии ҳуқуқвайронкунӣ, насаб, ном ва номи падари ҳуқуқвайронкунанда, намуди ҳуқуқвайронкунӣ, маблағи воситаҳои пулии нақдӣ ва ё воситаҳои гардони манзурӣ, чораҳои андешидашуда ва ғайра)

дар сутуни «Маълумоти муфассал»-и замимаи 2 Тартиби мазкур нишон дода мешаванд.

13. Мақомоти гумрук пешбурди маълумоти омориро тибқи замимаи 2 Тартиби мазкур ба роҳ монда, онро бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъд аз давраи ҳисоботӣ ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамояд.

## 5. ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ОИД БА МИҚДОРИ СУБЪЕКТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА, ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТИ ОНҲО

14. Мақомоти назоратӣ дар доираи ваколатҳои худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом муқаррар намудааст, фаъолияти субъектҳои ҳисоботдиҳандаи таҳти назорат қарордоштаро танзим, назорат ва санҷиш менамоянд.

15. Шакли ҳисоботдиҳии №3 (маълумоти оморӣ оид ба миқдори субъектҳои ҳисоботдиҳанда, танзим ва назорати онҳо) фаъолияти мақомоти назоратиро оид ба танзим ва назорати субъектҳои ҳисоботдиҳанда нишон дода, аз ҷониби мақомоти назоратӣ тартиб дода мешавад. Шакли ҳисоботдиҳии мазкур маълумотро оид ба миқдори субъектҳои ҳисоботдиҳандаи таҳти назорат қарордошта, санҷишҳои гузаронидашуда ва натиҷаи онҳо, чораҳои таъсиррасонии нисбат ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда андешидашуда, аз ҷумла, муҷозоти таъиншуда, ҳолатҳои боздошт ва бозхонди амали иҷозатнома ё ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин чораҳои дигари таъсиррасони оид ба натиҷаи санҷиш нисбат ба субъекти ҳисоботдиҳанда татбиқшударо дар бар мегирад.

16. Мақомоти назоратӣ пешбурди маълумоти омориро тибқи замимаи 3 Тартиби мазкур ба роҳ монда, онро бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъди давраи ҳисоботӣ ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамоянд.

## 6. ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ОИД БА ТАБОДУЛИ ИТТИЛООТ БАЙНИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ВА МАҚОМОТИ ДАХЛДОРИ ДАВЛАТӢ

17. Мақоми ваколатдор амалиёту аҳдҳои шубҳанок ва иттилооти дигари заруриро, ки аз субъектҳои ҳисоботдиҳанда ба даст овардааст, таҳлил намуда, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ, ки аз алоқамандии амалиёт (аҳд) ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом шаҳодат медиҳанд, иттилооту маводи дахлдорро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти дигари дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ваколатҳои онҳо ирсол менамояд.

18. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар рафти ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдор низоми дахлдори нигоҳдорӣ ва ҳифзи иттилооти дастрасшударо, ки сирри хизматӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андозӣ ё сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда мебошад, таъмин менамоянд.

19. Мақоми ваколатдор пешбурди маълумоти омориро оид ба дархостҳои аз мақомоти давлатӣ қабулнамуда ва баррасикарда, инчунин иттилоот ва маводи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ирсолнамударо тибқи замимаи 4 Тартиби мазкур бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳиояндаи баъди давраи ҳисоботӣ ба роҳ монда, самаранокии онро баҳо медиҳад.

## 7. ПЕШБУРДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ДАР БОРАИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТИИ ОҒОЗГАРДИДА, ҚАТЪШУДА ВА БА СУД ИРСОЛШУДА ОИД БА ҶИНОЯТҲОИ АСОСӢ ВА ҶИНОЯТҲОИ МАРБУТ БА ҚОНУНИГАРДОНӢ (РАСМИКУНОНӢ)-И ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

20. Шакли ҳисоботдиҳии №5 (маълумоти оморӣ дар бораи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида, қатъшуда ва ба суд ирсолшуда оид ба ҷиноятҳои асосӣ ва ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом) натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судро вобаста ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои асосӣ ва ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин баррасии судии онҳо инъикос менамояд.

21. Нишондиҳандаҳои Шакли ҳисоботдиҳии №5 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд дар асоси ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ибтидоӣ, варақаҳои омории шаклҳои №1.0 (дар бораи ҷинояти ошкоршуда), №1.1 (дар бораи фошкунии ҷиноят ва натиҷаҳои дигари тафтишот), №2.0 (дар бораи шахси ҷиноятсодиркарда), №3.0 (дар бораи ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ) ва дар бораи натиҷаи баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ (шакли №6), инчунин варақаи омории шакли №4.0 (дар бораи натиҷаҳои ҷуброни зарар) ташаккул меёбанд.

22. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд бо мақсади ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва пур кардани шакли ҳисоботдиҳии №5 дар заминаи ҳуҷҷатҳои аввалияи дар банди 21 Тартиби мазкур дарҷгардида баҳисобгирии омории дохилиидоравиро ба роҳ мемонанд.

23. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз натиҷаи санҷиши иттилооти пешниҳоднамудаи мақоми ваколатдор пешбурди маълумоти омориро дар бораи парвандаҳои ҷиноятии оғозшуда, қатъшуда ва ба суд ирсолшуда оид ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ё ҷиноятҳои асосӣ, инчунин оид ба зарари муайян ва барқароршуда, молу мулк (воситаҳо)-и

ҳабсшуда ва мусодирашуда ба роҳ монда, онро тавассути пур кардани сутуни дахлдори шакли ҳисоботдиҳии №5 ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамоянд.

24. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд пешбурди маълумоти омориро тибқи замимаи 5 Тартиби мазкур ба роҳ монда, онро бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъди давраи ҳисоботӣ ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамоянд.

## 8. МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ДОИР БА ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

25. Шакли ҳисоботдиҳии №6 (маълумоти оморӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом) маълумотро оид ба ҳамкорӣ ва табодули иттилоот байни мақоми ваколатдор ва мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ, инчунин ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ҷиноятҳои асосӣ дар бар мегирад.

26. Мақоми ваколатдор аз натиҷаи ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдори хориҷӣ пешбурди маълумоти омориро тибқи боби 1 замимаи 6 Тартиби мазкур бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъди давраи ҳисоботӣ ба роҳ мемонад.

27. Мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории мутақобиларо бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ҷиноятҳои асосӣ, аз ҷумла оид ба супоридани шахс, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд.

28. Мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ аз натиҷаи ҳамкории мутақобила бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла вобаста ба супоридани шахс пешбурди маълумоти омориро тибқи бобҳои 2 ва 3 замимаи 6 Тартиби мазкур ба роҳ монда, онро бо дарназардошти ҷамъбасти афзуншаванда ҳар семоҳа ва ҳамасола то санаи 10-уми моҳи ояндаи баъди давраи ҳисоботӣ ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамоянд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

29. Пешбурди маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботдиҳии онҳо, ки тибқи Тартиби мазкур пешбинӣ шудаанд, шаклҳои дигари амалкунандаи ҳисоботҳои омории мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ, суд ва мақомоти дигари давлатиро иваз ё бекор намекунад.

30. Мақоми ваколатдор маълумоти омориеро, ки мутобиқи Тартиби мазкур аз ҷониби мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ, суд ва мақомоти дигари давлатӣ

пешниҳод шудааст, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳлил ва коркард намуда, самаранокии онро баҳо медиҳад ва аз натиҷааш ҳамасола то 20 феврал тибқи тартиби муқаррааргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

31. Шахсони ваколатдори мақомоти назоратӣ, ҳифзи ҳуқуқ, суд ва мақомоти дигари давлатӣ барои дуруст пур кардан ва тартиб додани шаклҳои ҳисоботдиҳӣ, пешниҳоди саривақтии онҳо ба мақоми ваколатдор масъул мебошанд.

Ниг. ба Замимиҳои 1-6